**Бонки миллии Тоҷикистон**

**Пажуҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотӣ**

# Натиҷаи назарсанҷӣ дар мавзуи "Муайян намудани самаранокии чорабиниҳои гузаронидашудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ”

Душанбе 2024

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани раванди татбиқи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 дар кишвар пайваста чорабиниҳои саводнокии молиявии аҳолиро дар шакли баргузор намудани семинарҳо, тренингҳо, маҳфилҳо ва фестивалҳо роҳандозӣ намуда истодааст. Қобили тазаккур аст, ки чорабиниҳои амалинамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар бо баргузор намудани фестивали саводнокии молиявӣ бо фарогирии гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ амалӣ гардид.

Аз ин лиҳоз, пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ҷиҳати арзёбӣ намудани натиҷаи чорабиниҳои гузаронидашуда тавассути ҷойгир намудани саволнома (анкета) дар сомонаи расмии Бонки миллӣ ва дигар сомонаҳои иҷтимоӣ ва гузаронидани пурсиш миёни аҳолӣ омӯзиши ин масъаларо ба миён гузошт.

Дар раванди назарсанҷӣ ба инобат гирифтани аломатҳои демографӣ, аз ҷумла, ҷинс ва синну сол хеле муҳим ба ҳисоб рафта, аз рӯйи ин аломатҳо маълумоти дахлдор ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва коркард шудаанд, ки минтақаҳои гуногуни ҷумҳуриро фарогир буданд.

Бояд тазаккур дод, ки респондентон ба таври озод дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ ба саволномаи назарсанҷӣ дастрасӣ дошта, аз ҷумлаи иштироккунандагони чорабиниҳои гузаронидаи Бонки миллии Тоҷикистон мебошанд, ки дар шакли маҷозӣ ба суроғаи муайянгардида ворид шудаанд ва дар замимаи электронӣ нуқтаи назари худро дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявӣ иброз намудаанд.

Дар назарсанҷӣ 72 нафар респондентҳо, аз ҷумла 64 нафар (89%) мард ва 8 нафар (11%) зан ширкат варзиданд. (ниг. ба диаграммаи 1).

Диаграммаи 1.

Таносуби шумораи респондентҳо(бо фоиз)




Таҳлили маълумоти раванди назарсанҷӣ оид ба муайян намудани самаранокии чорабиниҳои гузаронидашуда нишон дод, ки ҳиссаи бештари иштирокчиён аз шаҳри Душанбе - 41 нафар ё 57 фоиз, вилояти Суғд - 13 нафар ё 18 фоиз, вилояти Хатлон - 10 нафар ё 14 фоиз, НТҶ - 7 нафар ё 10 фоиз ва ВМКБ - 1 нафар ё 1 фоизро ташкил намуданд. Дар натиҷа муайян гардид, ки имконияти иштирок ва ширкат варзидан дар чорабиниҳои гузаронидаи Бонки миллии Тоҷикистон доир ба ин масъала дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд беҳтар буда, дар ВМКБ маҳдудтар аст (ниг. ба диаграммаи 2).

Диаграммаи 2.

Макони зисти респондентҳо (бо фоиз)




Аз рӯйи хусусияти синну солӣ раванди иштироки респондентон ҷиҳати муайян кардани самаранокии чорабиниҳои гузаронидашудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани саводнокии

молиявӣ яке аз масъалаҳои муҳимми назарсанҷӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, дар пурсишнома вобаста ба синну сол бо фосилаи муайян гурӯҳбандии синну солӣ барои респондентон пешниҳод гардид. Дар назарсанҷии мазкур гурӯҳбандии синну солӣ аз рӯйи фосилаи муайяншуда (даҳсола) муқаррар карда шуд, ки 6 гурӯҳи синну солиро дар маҷмуъ ташкил доданд.

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ аз рӯйи гурӯҳбандии синну солӣ нишон дод, ки аз шумораи умумии респондентон 30 нафар ё 42 фоиз то синни 34 сола, 17 нафар ё 24 фоиз то синни 44 сола, 14 нафар ё 19 фоиз то синни 24 сола, 10 нафар ё 14 фоиз то синни 54 сола, 1 нафар ё 1 фоиз то синни 64 сола ва аз синни 65 сола калон ягон нафар ширкат наварзидааст (ниг. ба диаграммаи 3).

Диаграммаи 3.

Гурӯҳбандии респондентҳо аз рӯи синну сол (бо фоиз)




Қайд кардан зарур аст, ки ҷиҳати муайян намудани огаҳии респондентон аз чорабиниҳои гузаронидаи Бонки миллии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ҷавобҳои додашудаи респондентон оид ба ҳолати огаҳии онҳо дар саволнома дарҷ гардида буд.

Аз рӯйи ҷавобҳои додашудаи респондентон ба саволи “***Оё Шумо аз чорабиниҳое, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати афзун намудани саводнокии молиявии аҳолӣ анҷом медиҳад, огаҳӣ доред?***” 65 нафар ё

90,3 фоизи иштирокдорон огаҳӣ дошта, 6 нафар ё 8,3 фоиз огаҳӣ надоранд ва 1,4% аз ҷавоб додан ба ин савол душворӣ кашидаанд. Аз инҷо бармеояд, ки корҳои таблиғоти тавассути воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои иҷтимоӣ бештар ба роҳ монда шавад то ин ки огаҳии мардум зиёдтар гардида, онҳо дар чунин чорабиниҳо бештар иштирок намоянд. (ниг. ба диаграммаи 4).

**Диаграммаи 4**

Огаҳии респондентҳо аз иштирок дар чорабиниҳо(бо фоиз)




Ҷиҳати муайян намудани ҳолати иштироки респондентон дар чорабиниҳои омӯзишии Бонки миллии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ва ё шахсони дигар, ки онҳо мешиносанд хеле муҳим мебошад. Бинобар ин, саволи навбатӣ, ки пешниҳод гардид ҳолати иштироки респондентон ё шахсони дигар ба онҳо наздикро дар чорабиниҳои омӯзишӣ оид ба саводнокии молиявӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ташкил карда шудааст, фарогир буд. Аз таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ муайян гардид, ки дар ҷавобҳои респондентон ҳиссаи асосиро аз шумораи умумии ҷавобҳои онҳо нафарони иштирок намуда (84,7 фоиз), нафарони иштирок накарда 9,7 фоиз ва нафароне, ки аз ҷавоб додан душворӣ кашидаанд 5,6 фоизро ташкил додааст. Ҳаминро бояд қайд

намуд, ки ҳиссаи он нафароне, ки дар чунин чорабиниҳои омӯзишӣ оид ба саводнокии молиявӣ иштирок накардаанд, ё аз ҷавоб гардонидан ба ин саволҳо душворӣ кашидаанд, аз шаш як ҳиссаи умумии респондентонро фаро гирифтаанд. Яъне минбаъд корҳоро дар самти фарогирӣ ҷиҳати иштирок дар чунин чорабиниҳои омӯзишӣ бояд хубтар ба роҳ монд (ниг. ба диаграммаи 5).

Диаграммаи 5.

Иштироки респондентон дар чорабиниҳои омӯзишӣ (бо фоиз)




Масъалаи минбаъд истифода намудани дониш ва таҷрибаи омӯхтаи респондентон аз иштирок дар чорабиниҳои омӯзишии ташкилнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявӣ муҳим дониста мешавад. Ҳамчунин, донишҳои омӯхташуда имкониятро ҷиҳати таъмини принсипҳои асосии идоракунии молиявӣ дар ҳаёти ҳаррӯза ва беҳтар намудани шароити муошират бо дигар иштирокчиёни чорабиниро муҳайё намуда, барои мубодилаи таҷриба ва татбиқи донишу малакаи гирифташуда дар ҳаёти ҳаррӯза муҳим дониста мешавад. Аз натиҷаи таҳлили маълумотҳо бар меояд, ки  дар ҳаёти ҳаррӯза бомуваффақият татбиқ намудани принсипҳои асосии молияи давлатӣ ва дарки моҳияти ин принсипҳо муҳим дониста шуда, заминаи асосӣ барои иштирок дар чорабиниҳои омӯзишӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии

молиявии аҳолӣ мегардад, ки ҳиссаи бештари респондентон 79,4 фоиз таҷрибаю дониши дар чунин чорабиниҳо омӯхтаашонро маҳз дар ин самт минбаъд истифода мебаранд (ниг. ба диаграммаи 6).

Диаграммаи 6.

Истифодаи таҷрибаю дониши респондентҳо аз иштирок дар чорабиниҳо (бо фоиз)




Инчунин, масъалаи дар оянда мунтазам ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои омӯзишии саводнокии молиявӣ барои аҳолӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва ё нагузаронидани ин чорабиниҳо дар самти саводнокии молиявӣ муҳим дониста мешаванд, ки нишонаи то кадом андоза самаранок будани ин чорабиниҳоро ифода менамояд. Зарурати бештар ташкил ва баргузории ин чорабиниҳоро аксарияти респондентон 80,6 фоиз ҷонибдорӣ намуда, 9,7 фоиз мунтазам ташкил ва гузаронидани чунин чорабиниҳоро муҳим намеҳисобанд. Ҳамзамон 9,7 фоизи боқимонда аз ҷавоб гардонидан ба ин савол душворӣ кашида, посух нададаанд. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар маҷмуъ 19,4 респондентон бештар ташкил ва гузаронидани чунин чорабиниҳоро зарур намешуморанд, ки то андозае самаранокии чорабиниҳои омӯзиширо коста мегардонад. (ниг. ба диаграммаи 7).

Диаграммаи 7.

Зарурати бештар гузаронидани чорабиниҳои саводнокии молиявӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (бо фоиз)




Масъалаи ниҳоии саволномаи назарсанҷӣ омодагии респондентонро барои иштирок дар чорабиниҳои минбаъда оид ба саводнокии молиявиро дар бар гирифтааст. Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ оид ба омодагии респондентон ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои минбаъда муайян намуд, ки 83 фоизи респондентон омодаанд дар чорабиниҳои минбаъд ташкилнамудаи БМТ оид ба саводнокии молиявӣ иштирок намоянд. Ҳамзамон, 11 фоиз омодагии худро аз иштирок дар чунин чорабиниҳо рад намуда, 6 фоиз аз посух гуфтан ба ин савол душворӣ кашидаанд. (ниг. ба диаграммаи 8.

Диаграммаи 8.

Омодагии респондентон барои иштирок дар чорабиниҳои оянда оид ба саводнокии молиявӣ (бо фоиз)



Қисмати ниҳоии саволнома пешниҳод ва хулосаи респондентонро дар самти саводнокии молиявӣ дар бар гирифта аз шумораи умумӣ 64 фоизи респондентон пешниҳоди худро бевосита иброз намудаанд, ки нуқтаи назари онҳоро доир ба масъалаи мавриди назар фаро гирифтааст. Аз ҷумлаи пешниҳоди респондентҳо бештар ташкил намудани чорабиниҳои омӯзишӣ ва минбаъд дар сатҳи баланд гузаронидани ин чорабиниҳо барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва дар самти беҳтар намудани сиёсати монетарӣ мебошанд. Ҳамчунин, берун аз БМТ зиёдтар ҷалб намудани мутахассисони соҳаи молия ва бонкдорӣ ва васеътар намудани фарогирии чорабиниҳои саводнокии молиявӣ. Инчунин пешниҳод гардидааст, ки хуб мешуд дарсҳо ё фанни таълимӣ оид ба саводнокии молиявӣ дар низоми маориф ворид карда шаванд, то ин ки кӯдакон ва ҷавонон аз мактаб сар карда ба таври доимӣ мавзуҳои муҳимро вобаста ба саводнокии молиявӣ омӯзанд.

Пажуҳишгоҳи тадқиқоти илмӣ